**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-020 назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии №____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 09.01.2025, № 78

Барои сазовор донистани Самиев Ҷумахон Саймуродович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ.

Диссертатсияи Самиев Ҷумахон Саймуродович дар мавзуи «Хусусиятҳои ғоявию бадеӣ ва нақди матни «Сафарнома»-и Носири Хусрави Қубодиёнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, таҳти № 23) 1-уми ноябри соли 2024, суратмаҷлиси № 69 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Самиев Ҷумахон Саймуродович 9-уми июни соли 1989 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2012 Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (ҳозира Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улулғзода)-ро бо ихтисоси муаллими забон ва адабиёти тоҷик хатм кардааст.

Аз 25-уми июли соли 2017 то ин замон дар мансаби мудири шуъбаи таъминоти кадрҳои Сарраёсати маорифи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе фаъолият дорад.

Самиев Ҷумахон Саймуродович аз соли 2016 ба ҳайси унвонҷӯйи кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба кори таҳқиқӣ машғул аст.

Диссертатсия дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода анҷом ёфтааст.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода **Олимӣ Хосият Ҳоким**.

**Муқарризони расмӣ**: **Асозода Ҳотам Раҷаб**, доктори илмҳои филологӣ, директори генералии Муассисаи давлатии «Муҷтамаи ҷумҳуриявии осорхонаҳои Кӯлоб» ва **Шоев Абдуҳамид Абдунабиевич**, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

**Муассисаи пешбар –** Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – мудири шуъбаи таърихи адабиёт, доктори илмҳои филологӣ Юсуфов Умриддин, эксперт – номзади илмҳои филологӣ, ходими калони илмии шуъбаи мазкур Давлатова Холида, котиби илмии ҷаласа – ходими илмӣ Исматова Зулфия ва имзою муҳри директори муассиса, доктори илмҳои филологӣ, профессор Шарифзода Фарангис пешниҳод шудааст, қайд намудааст, ки диссертатсияи Самиев Ҷумахон Саймуродович дар мавзуи «Хусусиятҳои ғоявию бадеӣ ва нақди матни «Сафарнома»-и Носири Хусрави Қубодиёнӣ» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи адабиётшиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мӯҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртиботи қавӣ дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 8 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

## I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Самиев, Ҷ.С. Фазои иҷтимоӣ дар «Сафарнома»-и Носири Хусрав / Ҷ.С. Самиев // Паёми Донишкадаи забонҳо. Бахши илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2020. – № 4 (40). – С. 113-117.

[2-М]. Самиев, Ҷ. С. Тасвири бадеии номҳои шаҳрҳо дар «Сафарнома»-и Носири Хусрав / Ҷ.С. Самиев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2020. – № 5 (88). – С. 122-125.

[3-М]. Самиев, Ҷ.С. Жанри Сафарнома: бадеият ва публисистика / Ҷ.С. Самиев // Паёми Донишкадаи забонҳо. Бахши илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2022. – № 1 (45). – С. 111-117.

[4-М]. Самиев, Ҷ.С. Тасвири чеҳраҳои фарҳангӣ ва адабӣ дар «Сафарнома»-и Носири Хусрав / Ҷ.С. Самиев // Номаи Донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – Хуҷанд, 2022. – № 2 (71). – С. 94-98.

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[5-М] Олимӣ, Х.Ҳ., Самиев, Ҷ.С. Истифодаи санъатҳои бадеӣ дар «Сафарнома»-и Носири Хусрав / Х.Ҳ. Олимӣ, Ҷ.С. Самиев // Масъалаҳои мубрами филология, ҷомеашиносӣ ва фанҳои табиӣ-риёзӣ дар даврони соҳибистиқлолӣ. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ (ДДЗТ ба номи С. Улуғзода, 13.04.2021 – 21.04.2021). – Душанбе, 2021. – С. 112-115.

[6-М] Самиев, Ҷ.С. Воқеият дар жанри «Сафарнома» / Ҷ.С. Самиев // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҳайати профессорону омӯзгорон, докторантон, магистрантон ва донишҷӯёни Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода таҳти унвони «Таҳқиқи масъалаҳои муҳимми илмҳои гуманитарӣ, ҷомеашиносӣ ва дақиқ дар шароити бисёрфарҳангии таҳсилот» ба ифтихори Рӯзи илми тоҷик (ДДЗТ ба номи С. Улуғзода, 11.04.2022 – 16.04.2022). – Душанбе, 2022. – С. 101-103.

[7-М]. Самиев, Ҷ.С. Чарлз Шеффер матншиноси «Сафарнома»-и Носири Хусрав / Ҷ.С. Самиев // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Филологияи Шарқ: пажуҳиши забоншиносӣ, равобити адабӣ ва тарҷумашиносӣ» (ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода, 08.12.2023). – Душанбе, 2023. – С. 384-387.

[8-М]. Самиев, Ҷ.С. Носири Хусрав дар тавсифи бузургон / Ҷ.С. Самиев // Пайванд. – Душанбе, 2024. – № 3 (57). – С. 82-88.

**Ба автореферати диссертатсия аз муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**1. Тақризи** доктори илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Ғафforзода Шохрух Ҳабибулло** мусбат буда, дар баробари зикри дастовардҳои илмии диссертант ду эрод манзур шудааст:

1. Дар фасли дуюми боби дувум, ки «Воқеияти бадеӣ дар асар» унвонгузорӣ гардидааст, ба ҷойи «фасли дуюм» «фасли сеюм» омадааст.

2. Дар автореферати диссертатсия баъзе хатоҳои имлоӣ ва техникӣ (с. 4, 7, 11, 18) ба назар расид, ки ислоҳи онҳо ба фоидаи кор хоҳад буд.

**2. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, директори Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилооти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон» **Аминзода Абдулфаттоҳ Ҳаким** низ мусбат буда, дар баробари зикри дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю натиҷагириҳои ҷолиби унвонҷӯ эродҳои зерин оварда шудаанд:

1. Дар фасли аввали боби сеюм, ки «Нақши муаллиф дар асар» унвон дорад, мавзуъ ва масъалаи матраҳшаванда норавшан монда, шояд дар диссертатсия масъалаи мазкур ҳалли хешро ёфта бошад.

2. Дар автореферат зимни баёни дараҷаи таҳқиқи мавзуъ ва таъини мухтассоти жанри сафарнома ба таълифоти муҳаққиқони соҳаи рӯзноманигорӣ ҳам таваҷҷуҳ зоҳир мегардид, беҳтар буд.

3. Дар фасли дуюми боби сеюм, ки дар автореферат тавзеҳ ёфтааст, дар бахши истифодаи санъатҳои бадеӣ барои тақвияти андеша мисолҳо хеле кам оварда шудаанд.

**3. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» **Бобоҷонова Мадина Ҳайдарҷоновна**, дар маҷмуъ, мусбат буда, дар он ба камбудиҳои зерини автореферат ишора шудааст:

1. Ба назари мо, агар унвони автореферат ва диссертатсия – «Мавзуъ, муҳтаво, хусусиятҳои ғоявию бадеӣ ва нақди матни «Сафарнома»-и Носири Хусрави Қубодиёнӣ» номгузорӣ мегардид, ба мақсад мувофиқ буд.

2. Дар автореферати диссертатсия баъзан ғалатҳои имлоӣ, китобатӣ ва услубӣ (с. 4, 6, 11, 12, 19, 23) ба назар мерасанд.

Дар автореферат ҷо-ҷое умумиятгӯйӣ ва ҷумлаҳои тавсифӣ ба назар мерасанд, ки дар кори таҳқиқӣ аз истифодаи онҳо худдорӣ кардан беҳтар аст. Чунончи: ««Сафарнома» аз беҳтарин ва пурарзиштарин асарҳои адабии мутафаккири тоҷик Носири Хусрави Қубодиёнӣ мебошад, ки онро яке аз

сарчашмаҳои нодиртарини наср номида, сабки онро «латифтарин» ва «равонтарину саҳлтарин» гуфтаанд» (с. 21).

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

- унвонҷӯ Самиев Ҷумахон бо истифода аз назарияҳо ва равишҳои илмӣ-таҳқиқотии самти адабиётшиносӣ ба омӯзиши «Сафарнома»-и Носири Хусрави Қубодиёнӣ» пардохта, кори илмии муҳим ва арзишмандро **ба анҷом расонидааст;**
- таҳқиқи диссертатсионӣ дар асоси нашрҳои «Сафарнома» дар маҷаллаю рӯзномаҳо («Газетаи муаллимон». – 1 сентябри соли 1939; «Шарқи сурх». – 1940. – №1), «Хрестоматикаи Адабиёти Ватан», матни чопии соли 1970, (таҳияи Холида Айнӣ ва Камол Айнӣ) ва бознашри он дар соли 2003 сурат гирифтааст. Нашрҳои мазкур дар пояи назария ва равишҳои таҳқиқии муосир **коркард шудаанд;**
- масъалаҳои марбут ба мавзуъ, хусусиятҳои ғоявию бадеӣ ва нақди матни «Сафарнома»-и Носири Хусрави Қубодиёнӣ **баррасӣ гардида**, моҳият ва аҳаммияти асари мазкур ва умумияту тафовути нусхаҳо **муайян карда шудаанд;**
- ҳунари чеҳранигорӣ дар асар ва таносуби воқеияту бадеият дар он **таҳқиқу баррасӣ гардида,** саҳми Носири Хусрав дар рушди сафарноманависӣ **собит шудааст;**
- нақши ноқил дар асар ва забону сабки баёни адиб **мушаххас карда шудаанд;**

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки** масъалаҳои назарӣ, равишҳои таҳқиқ ва хулосаҳои ҳосилшуда дар ин рисола омӯзиш ва шинохти ҷанбаҳои гуногуни осори Носири Хусрав, хусусан, «Сафарнома»-ро комилтар гардонида, дар баррасии аҳаммияти ин асар дар самтҳои адабиётшиносӣ, фолклоршиносӣ, забоншиносӣ, таърихнигорӣ ва рӯзноманигорӣ метавонад нақши муҳим дошта бошад.

Таҳлилҳои анҷомёфта, афкори назарии муаллиф ва натиҷаҳои бадастомада дар баррасӣ, шинохт ва нақди матни осори мансури адабиёти форсии тоҷикӣ мусоидат карда метавонанд. Натиҷаҳои бадастомада ва равишҳои пажуҳишии муҳаққиқро дар ҷараёни таҳқиқи масъалаҳои ҳамгун ва зимни баррасии дигар асарҳое, ки хусусияти ёддоштӣ доранд метавон истифода бурд.

Арзиши амалии диссертатсия дар он зоҳир меёбад, ки маводи дар рисола фароҳамомада ва натиҷаҳои таҳқиқро метавон ҳангоми таҳияи маводи таълимӣ ва омода намудани китобҳои дарсӣ аз таърихи адабиёт барои

факултетҳои филологӣ ва шарқшиносии муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хориҷ, таълифи рисолаҳои илмӣ оид ба адабиёти классикӣ мавриди истифода қарор дод.

Дар ҷараёни таҳлилу баррасии мавзуъ аз афкори назарӣ ва таҷрибаи илмии адабиётшиносон ва шарқшиносони ватанию хориҷӣ, аз ҷумла Е.Э. Бертелс, Н.И. Конрад, И.С. Брагинский, Х. Шарифзода, Х. Отахонова, А. Кӯчарзода, М. Имомзода ва дигарон истифода гардида, дастовардҳои илмии онҳо ҳамчун заминаҳои назарии таҳқиқ ба кор рафтаанд.

Дар диссертатсия вобаста ба масъалагузориҳои мушаххас аз методҳои муқоисавӣ-таърихӣ, таҳлили сохторӣ ва омориву тавсифӣ истифода шудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад**, ки аз баҳсҳои дар рисола суратгирифта, натиҷаҳои бадастомада ва равишҳои таҳқиқии бакоргирифтаи муаллиф дар раванди ҷустуҷӯҳо ва пажуҳишҳо оид ба «Сафарнома»-и Носири Хусрави Қубодиёнӣ ва масоили марбут ба адабиётшиносии форсии тоҷикӣ метавон истифода бурд. Маводи диссертатсия ва хулосаҳои онро зимни навиштани мақолаҳо ва таълифоту таҳқиқоти илмӣ оид ба масъалаҳои омӯхтанашудаи таърихи адабиёт форсии тоҷикӣ, ҳангоми баррасии масъалаҳои алоқаманд ба рӯзгору осори Носири Хусрав ва таъини арзиши илмии асарҳои ҳамгун мавриди истифода қарор додан мумкин аст.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии адабиётшиносони ватанию хориҷӣ ба ҳадди зарурӣ истифода шудааст. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқии маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили сарчашмаҳо ва таҳқиқи осори назарӣ пешниҳод гардидаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд.

Тарҳ, баррасӣ ва коркарду таҳлили мавзуи диссертатсионӣ маҳсули ҷустуҷӯ ва фаъолияти илмии чандсолаи муаллиф буда, саҳми фардии ӯ дар гирдоварӣ ва таҳқиқи зиёди манобеи зиёди илмӣ роҷеъ ба «Сафарнома»-и Носири Хусрави Қубодиёнӣ» ва дар ин замина муайян намудани хусусиятҳои ғоявию бадеӣ ва масъалаҳои марбут ба нақди матни асар мушаххас мешаванд.

Муаллиф бо истифода аз равиши илмӣ дар баррасии масъалаҳо, пешниҳоди усулҳо, таҳқиқи масъалаҳои адабиётшиносӣ, муайян сохтани арзиши илмии онҳо, ба низом даровардан ва ҷамъбаст кардани натиҷаҳои бадастомада, пешниҳоди маълумот ва фароҳам сохтани замина барои таҳқиқоти баъдӣ, интихоби мавод ва интишори натиҷаҳои таҳқиқ саҳми назаррас дорад.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 9-уми июни соли 2025 дар бораи сазовор донистани Самиев Ҷумахон Саймуродович ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шуро 16 нафар (фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми октябри соли 2024, №360/шд), аз ҷумла 5 нафар доктори илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ иштирок доштанд.

Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 16 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Мақсудзода Б.М.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Бобомаллаев И.Ҷ.

09.01.2025.